السنّة النبوية وعلومها
www.sunnah.global

# Паҳнои ҳавзи ман ба андозаи як моҳ роҳ рафтан аст, обаш сафедтар аз шир ва бӯяш хушбӯтар аз миск аст

Аз Абдуллоҳ ибни Амр (Худованд аз он ду розӣ бод) гуфт: Паёмбар (Салому даруди Аллоҳ бар ӯ бод) фармуд: "Паҳнои ҳавзи ман ба андозаи як моҳ роҳ рафтан аст, обаш сафедтар аз шир ва бӯяш хушбӯтар аз миск аст, кӯзаҳои он монанди ситорагони осмон ҳастанд, касе аз он бинӯшад дигар ҳаргиз ташна намешавад"
[صحيح] [متفق عليه]

Паёмбар (Салому даруди Аллоҳ бар ӯ бод) хабар додаанд, ки рӯзи қиёмат соҳиби ҳавзе ҳастанд, ки паҳнои ва дарозии он ба андозаи як моҳа роҳ рафтан аст, обаш сафедтар аз шир, бӯяш хуштар аз бӯйи миск ва шумори кӯзаҳои он ба андозаи ситораҳои осмон аст. Касе аз он ҳавз бо он кӯзаҳо об бинӯшад дигар ҳаргиз ташнагиро нахоҳад дид.

https://sunnah.global/hadeeth/tg/show/65030